***Тақризи***

***роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08. 00.10– Молия, муомилоти пул ва қарз.***

Давлатов Диловар Сайфуллоевич соли 2000 – ум факултети молиявию баҳисобгирии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намуда худи ҳамин сол ба вазифаи ассистенти кафедраи молия ва карз ба кор қабул гардидааст. Аз соли 2001 то соли 2002 муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ ва иҷтимоӣ, аз соли 2002 то 2007 иқтисодчии ҶДММ «Ҳамтан», соли 2009 мутахассиси пешбари шуъбаи андоз аз арзиши иловашудаи раёсати ташкили ҷамъоварии андозҳои ғайримустақими Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010 ассистенти кафедраи молия кор ва фаъолият намудааст. Солҳои 2013-2018 унвонҷӯи шуъбаи аспирантураи ДМТ, соли 2014 ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ ва аз 13 марти соли 2019 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи мазкур фаъолият карда истодааст.

Ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омузиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд нишон дод. Ҳангоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Давлатов Диловар Сайфуллоевич, масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба у имконият дод 23 кори илмӣ аз аз чоп барорад, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои тақриз шаванда.

Сатҳи дониш ва методҳои омӯзиши Давлатов Д.С., ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат мекунад. Давлатов Д.С., дар бахши фаъолияти илмӣ низ масъулият дошта, ҳамасола бо маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-тадқиқоти иҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок менамояд. Ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун тадқиқотчии илмии ташкилотчӣ, сари вақт иҷрокунанда ва масъулият шинос нишон дода тавонист, ки ин ба у имконият дод, натиҷаҳои ба дастомадаро ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ диҳад, истифода бурдани

методҳои зарурии таҳқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намуда тавонист.

Мубрамияти мавзӯи интихоб гардидаи тадқиқоти диссертатсионии Давлатов Д.С., аз он бар меояд, ки масъалаҳои такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ аз руйи ихтисоси 08. 00.10 – молия, муомилоти пул ва қарз: 2.27. – иқтидори андозии минтақа ва субъектҳои алоҳида, 2.5. – танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт, 2.6. – назарияи танзими низоми буҷетию андозӣ, 2.9. – асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ, 3.14. – назария, методология ва методҳои заминавии андозбандии субъектҳои хоҷагидор, 3.18. – консепсияи машваратҳои андозӣ ва экспертизаи андозӣ мувофиқат менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Дастовардҳоиназариявӣ ва аналитикии муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Бандҳои навгониҳои илмӣ, моҳияти таҳқиқотро кушода, дар худ иқтидори зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, арзиши баланди кори мазкурро тасдиқ менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои муҳими назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи рисола омодашуда ва то таклифҳои амалии ба мақомотҳоиандозва молия расонидашуда, метавонанд дар рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат намоянд.

Дар баробари инҳо, диққати махсусро меарзад, ҷабҳаҳои мусбии кори иҷрогардида, ки мантиқи он бо тартиби зерин сохта шудааст:

Навгонии илмии таҳқиқот дар коркарди низоми батанзимдарории андозии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он дар давраи дарозмуҳлат зоҳир меёбад.

Элементҳои асосии навгонии илмӣ, ки ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешаванд, инҳоянд:

- дар асоси назарияҳои пешниҳодгардидаи олимони соҳаи иқтисод, назарияи муосири танзими андозбандии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Низоми танзими

андозбандии рушди иқтисоди тавассути ҳавасмандкунии рушди истеҳсолот бо ёрии истифодаи имтиёзҳои андозӣ, афзалиятдиҳии андозӣ, тахфифҳои андозӣ, қарздиҳии андозӣ ва ғайра амалӣ мегардад;

- исбот карда шудааст, ки усулҳо ва равишҳои асосии танзими андозбандии давлат бевосита ба рушди истеҳсоли махсулот таъсири мустақим мерасонад. Бинобар ин, пешниҳод гардидааст, ки ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавасмандкунии андозбандии раванди сармоягузорӣ ва маблағгузории соҳаҳои афзалиятдошта васеъ истифода намоянд;

- маҷмӯи нишондиҳандаҳои базавӣ ва иловагии низоми ҷории андозбандӣ дар ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида масъалаҳои ҷойдошта дар раванди таҳлили муқоисавӣ ошкор гардиданд. Дар ин замина, вобастагии вазъи рушди иқтисодиёти миллӣ аз фишангҳои андозӣ асоснок карда шуд;

- дар асоси баҳогузорӣ иқтидори андозсупории ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фишангҳои муосири таъсиррасонанда ба сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуд. Дар баробари ин, фишангҳои танзими андозӣ ба ду гурӯҳи асосӣ, яъне: меъёрҳои қонунгузорӣ ва тағйири унсурҳои андозӣ (субъекти андоз, объекти андоз, манбаи андоз, меъёрҳои андоз, имтиёзҳои андоз ва ғайра) ҷудо карда шуд;

- масъалаҳои асосии такмили механизми танзими андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо ба воситаи фишангҳои муосири андозӣ, ба монандӣ имтиёзҳои андозӣ, таътилҳои андозӣ, кам кардани меъёри фоизи пардохти андозҳо ва озод кардан аз баъзе намудҳои андоз пешниҳод гардиданд. Дар ин самт, масъалаи зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо ва самаранок татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани онҳо яке аз муаммоҳои муҳимтарини таҳиқот ба ҳисоб рафта, мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифта шудааст;

- механизми ҳавасмандгардонии низоми андозбандии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди танзимдарории низоми андозбандии муосир коркард ва пешниҳод гардидааст. Дар баробари ин, имтиёзҳои андозӣ аз нигоҳи муаллиф ба гурӯҳҳо ва механизми фаъолияти ягона ҷудо карда шуд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ омода шудаанд. Дар маҷмӯъ рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида дар сатҳи муҳокимаи аввалия ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи: «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.10–Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва дар ҳамин сатҳи муҳокима ба итмом расидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дорад.

Бинобар ин, рисолаи илмии Давлатов Д.С. илман асоснокшуда ва ба охиррасида ба ҳисоб рафта, муҳимияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) натиҷаи баррасии тадқиқоти илмии муаллиф мебошад. Бо назардошти хусусияти актуалии мавзӯи мазкур, сатҳу сифати тадқиқотҳи илмӣ-назариявӣ ва навгониҳои илмии тадқиқотӣ, рисола пурра ба банди 18-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 166-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, банди 70-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)" аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ омода гардидааст.

Дар маҷмуъ рисолаи номзадии пешниҳоднамудаи Давлатов Д.С. дар мавзӯи: «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолахои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда дар Шурои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми иктисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.10 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ,**
**профессори кафедраи молияи ДМТ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Улуғхоҷаева Х.Р.**

**Имзои Улуғхоҷаева Х.Р. - ро тасдиқ менамоям,**
**сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«05» 12 с. 20__**